Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجيک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

2 апрели соли 2003. Чоршанбе № 24 (12867)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 16.00 имзо гардид.

Минбари сармуҳаррир

## Қалъаи аҳливу тифоқӣ

Маҳалла худ чӣ гуна мақомот аст? Нақши он дар ҳаёти ҷамъиятӣ чӣ гуна мебошад? Мавқеи онро ҳамчун маскани тарбиятгар мо чӣ гуна мефаҳмем? Ва соли 2003, вақте ки «Соли маҳаллаи обод» эълон гардидааст, ба ин саволҳо ҷавоб ёфтан на танҳо лозим, балки зарур ҳам мебошад. Инро нуктаҳое ҳам талаб мекунад, ки аз Барномаи давлатии «Соли маҳаллаи обод» ҷо пайдо кардаанд. Агар луғатҳоро варақгардон кунем, «маҳалла» маънои масканест, ки якчанд кӯчаҳоро муттаҳид сохтааст. Дар баъзе манбаъҳо он ҳамчун қалъаи аҳливу тифоқӣ тавзеҳ дода шудааст. Арабҳо бошанд, маҳалла гӯён ҷой, маконро дар назар доранд.

Акнун саволи ҳаққонӣ бармеояд: ин мафҳумҳо оё ба тасаввуроти имрӯзаи мо дар хусуси маҳалла пурра мувофиқат мекунанд? Албатта не. Чунки маҳалла аз қадим пайдо шудааст ва баъзе сарчашмаҳо маълумот медиҳанд, ки ба пайдоиши он беш аз якуним ҳазор сол гузаштааст. Аз ин рӯ, он баробари сипарӣ шудани садаҳо ташаккул ёфта, оҳиста-оҳиста ба як воҳиди маъмуриву ҳудудӣ мубаддал гардидааст. Яъне маҳалла пеш аз истилои арабҳо, татбиқ гардидани дини ислом арзи ҳастӣ карда будааст. Ва ба он аҳолишиносони дунё баҳои баланд дода, асоси онро ҳамсоягӣ , худидоракунӣ тавзеҳ додаанд. Ва эътироф гардидааст, асоси маҳалла дар Мовароуннаҳр, аз он ҷумла Ўзбекистон ба вуҷуд омадаасту минбаъд такмил ёфтаасту ба муассисоти нодири демократӣ дар айёми кунун табдил гашта, решаҳои он аз қаъри асрҳо об мехӯранд. Масалан, дар китобҳои таърихӣ акс ёфтааст, ки дар садаи XYIII танҳо дар Тошканд 150, садаи XIX бошад, 200 маҳалла фаъолият доштааст. Ҳоли ҳозир бошад, миқдори маҳаллаҳо дар пойтахтамон аз 450 адад зиёд асту дар ҷумҳурият қариб ба 12 ҳазор адад мерасад. Ва он қувваи бузург буда, дар бобати пешрафти ҷамъият нақши калоне мебозад. Чунки сарвари давлатамон Ислом Каримов беҳуда зикр накардаанд!«Эътибор ба маҳалла ин маънои эътибор ба тараққиёти ҷамъиятро дорад». Зеро Ватан аз остона сар мешавад. Ватан ягонаву Модар ҳам яктост. Ва асоси ҷамъиятро оила ташкил медиҳад. Силсилаи оилаҳо бошанд, маҳаллаҳоро ба вуҷуд меоваранд. Тамоми таърихи пешрафти мамлакатамонро варақгардон карда, ба як далел бе ягон муҳобот боварӣ ҳосил мекунем: дар ҳар давру замон маҳалла нақши муҳимро дар бобати таъмини аҳливу тифоқӣ, якҷоя ҳаёт ба сар бурдани одамон бозидааст, мебозад ва хоҳад бозид. Асоси осоишу оромии ҷамъиятро бошад, сулҳу салоҳ дар маҳалла ташкил додааст. Аз ин рӯ, бе ягон муҳобот маҳалларо такягоҳи асосии ҷамъият, асоси пешрафти ҷамъият ва қалъаи аҳливу тифоқӣ номбар кардан мумкин аст.

Маҳалларо беҳуда сарвари давлатамон асоси пешрафти ҷамъият наномидаанд. Дар ҳар давру замон маҳалла ба ҳар як сокини он муқаддасу нотакрор будааст ва ҳар як сокини маҳалла маҷбур шудааст,ки ба қонуну қоидаҳои он қатъан амал намояд, яъне бо ҷамоа бошад. Маҳалла чӣ қадар зӯроварон, ҳавобаландон, одамони карру фардорро тарбия намудааст, пои кандашудагонро ба замин аз нав расондааст. Хуллас, ҳамагонро новобаста аз мавқеи ҷамъиятӣ, забону эътиқод, миллат маҷбур сохтааст, ки ба қонуну қоидаҳои худ қатъан риоя намояд. Аз ин рӯ маҳалла муассисоти аз ҳама нодир дар бобати ба вуҷуд овардани ҷамъияти шаҳрвандӣ ва ба роҳ мондани назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти мақомоту идораҳои давлатӣ мебошаду аз ин рӯ барои рушди он пайваста ғамхорӣ карда мешаваду кулли тадбирҳоро меандешанд. Дар ин бобат қабул гардидани чандин фармону амри Президент, қарорҳову амрҳои ҳукумат, аз тарафи парлумон қабул гардидани қонуну зерсанадҳои қонунгузорӣ, минҷумла созмон додани Бунёди хайроти «Маҳалла» , Кенгаши оқсақолони ҷумҳурият ва ғайра мисоли равшан шуда метавонанд.

Соли кунун «Соли маҳаллаи обод» эълон гардиданаш ва дар ин бобат таҳия гардидани Барномаи махсуси давлатии «Соли маҳаллаи обод» боз як ғамхории навбатӣ дар бобати рушди ин муассисоти нодири худидораи шаҳрвандон мебошад. Хӯш, барои чӣ соли кунун «Соли маҳаллаи обод» номгузорӣ шуда, бо ҳамин унвон барномаи давлатӣ таҳия гардидааст ва барномаи мазкур ҷомаи амал пӯшидани чӣ гуна тадбирҳо, корҳои амалиро дар назар доштааст ва он аз кадом ҳисоб таъмин карда мешавад?

«Маҳаллаи обод» ин на танҳо маънои кӯчаву мавзеи ободу зебо, балки масканеро дорад, ки дар он сулҳу салоҳ, аҳливу тифоқӣ, осудаҳолӣ, эҳтирому эътимоди байниҳамдигарӣ, дӯстӣ ва муттаҳидӣ, фаровонӣ ва шукуфонӣ ҳукмрон бошад. Яъне маънои маҳаллаи обод баробари ободонӣ бо зиндагонии намунавӣ, ибрат, ташаббус, ҷустуҷӯ ва тадбиргарии аҳли маҳалла чен карда мешаваду чанд самтро дар бар гирифтааст. Хулқи намунавӣ, зиндагонии орому осоиш, аҳливу тифоқӣ, саросар бо шуғл фаро гирифтан, ғамхорӣ зоҳир кардан ба оилаҳои камбисот, куҳансолон, бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш фаро гирондани бачагон ва ғайраву ҳоказо яке аз нишондиҳандаи муҳими маҳаллаи обод мебошад. Яъне он мебояд ба мақоли халқии «Падарат ҳам маҳалла, модарат ҳам маҳалла» пурра мувофиқат кунаду дар амал ҳақиқатан қалъаи аҳливу тифоқӣ гардад. Дар он сурат ҷамъият ҳам орому осоиш меёбад, рушду тараққӣ мекунад.

Барномаи давлатии «Соли маҳаллаи обод» аз рӯи ҳафт самт масъалаҳои ҳаётан муҳимро дар бар гирифтааст, ки иҷрои онҳо нақшу мақоми маҳалларо дар идораи ҷамъият хеле баланд мебардорад. Ва онҳо асосан ба такмил додани асосҳои ташкиливу ҳуқуқии фаъолияти маҳаллаҳо, рушду таҳкими заминаи моддии онҳо, ба вуҷуд овардани коргоҳҳои нав дар маҳаллаҳо аз ҳисоби рушди тадбиргарӣ, соҳаи адои хизмат, савдо, соҳибкории хурд, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, ободу сабзу хуррамгардонии ҳудудҳо, созмон додани майдончаҳои варзишӣ ба бачагон, дар ҳолати хуб нигоҳ доштану истифодабарии кӯчаҳо, роҳҳо ва шабакаҳои коммуналӣ, пурзӯр кардани ҷонибдории моддии нишонидор ба оилаҳои камбисот ва оилаҳои ҷавон, беҳдошти хизматрасонии тиббӣ, санаториву курортӣ, пурзӯр кардани диққату эътибор ба куҳансолон, пурзӯр кардани нақши маҳаллаҳо дар бобати тарбияи маънавиву ахлоқӣ ва ғайра алоқаманд мебошанд.

Агар мушаххасан ҳарф занем, аз ҳисоби рушди соҳибкории хурду миёна ба вуҷуд овардани 160 ҳазор коргоҳи нав, ташкил намудани 950 шабакаи хизматрасонии маишӣ, ба 435 маҳалла тавассути хатти нақли гази 2,6 ҳазор километра овардани гази табиӣ, ба 436 маҳаллаи ҷумҳурият тавассути 1720 километр хатти нақли оби ошомиданӣ овардан аз тармими ҷорӣ баровардани 12500 ҳазор метри мурабба манзил, тармим, мумфарш ва ободгардонии 1000 километр роҳ, дар 500 маҳалла ба вуҷуд овардани гузарҳои замонавӣ, барқарор кардани тандурустии беш аз 20 ҳазор нафар собиқадорон дар санаторияву беморхонаҳо, бо нархҳои имтиёзнок пешкаш кардани ҳар гуна маводи тиббиву протезӣ ба куҳансолон, ройгон ба ихтиёри бачагони то 16 -сола гузоштани иншоотҳои варзишӣ ва ғайра пешбинӣ гардидаанд ва барои он 377,9 миллиард сӯм талаб карда мешавад, ки аз он 169,5 миллиард сӯмаш аз ҳисоби буҷаи давлатист, ки маблағи ниҳоят калон аст. Ҳамчунин ҷалб сохтани маблағҳои корхонаву ташкилотҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ, ғайридавлатӣ, байналхалқӣ ва захираҳои вомии бонкҳои тиҷоратӣ дар назар дошта шудаанд.

Дар Барномаи давлатии «Соли маҳаллаи обод» ба зиммаи ташкилотҳову муассисаҳои ҷумҳурият, аз он ҷумла Бунёди хайроти «Маҳалла» ва Кумитаи занони ҷумҳурият супурда шудааст, ки якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор таклифҳои мушаххаси худро дар бобати ба тартиб андохтани маросимҳои анъанавии оилавиву истиқоматӣ, тӯйҳо, маросими дафн ва дигар тадбирҳои оммавӣ таҳия созанд ва ба Комиссияи ҷумҳурӣ пешкаш кунанд. Ва он ҳам бесабаб нест. Зеро маросимҳо, пеш аз ҳама муносибатҳои мутақобилаи одамон, муносибатҳои оилавӣ, ҳамсоягӣ, пайванди олами ба худ хоси сеҳрнок мебошаду чашмандозии эҳтиёткорона ва холисонаро тақозо дорад. Чунки ин муносибатҳоро ҳамту бо интишор кардани қонунҳо, фармонҳо ба тартиб андохтани кори сангин мебошаду ба он маслиҳату машварати халқ зарур мебошад.

Дар солҳои истиқлолият дар ҳаёти шахси дилхоҳ, ҳар як оила, идораи давлатӣ ва ҷамъиятӣ, дар муттаҳидкунии одамон, таҳкими қонуну тартибот дар маҳали истиқомат, дар татбиқи низоми худидоракунӣ ҳамарӯза нақш ва аҳамияти маҳалла меафзояд. Аз ҳамин сабаб барои рушди он диққату эътибори калон дода мешавад ва Барномаи давлатии «Соли маҳаллаи обод» ҳам барои амалӣ гардондани ин мақсади накӯ нигаронда шудааст. Чунки ҳамагон хуб медонем: агар дар ҳаётамон мақоми маҳалла боло гардад ва асосҳои ҳуқуқии он ҳаматарафа таҳкиму инкишоф ёбад, агар мо ин муассисотро ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии ҷамъиятро ба сифати низоми аввали идора пурзӯр гардонем, барои он тамоми шароити моддиву молиявиро фароҳам оварем, бешак, он иқдоми муҳим дар роҳи ба даст овардани комёбиҳо ба сӯи мақсадҳои волои дар наздамон гузошташуда, қалъаи аз ин ҳам мустаҳками аҳливу тифоқӣ мегардад.

Ба пешвози иҷлосияи Олий Маҷлис

## Мувофиқи талаби айём

Аз рӯзномаи иҷлосияи ёздаҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм, ки дар асоси қарори Кенгаши Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар расонаҳои ахбори оммавӣ эълон гардидааст, маълум мегардад, ки парлумони мамлакатамон боз доираи васеи масъалаҳоеро мавриди баррасӣ қарор мекунад, ки мувофиқи талаби давру замон мебошанд. Аз он ҷумла, баррасӣ гардидани лоиҳаи қонунҳо «Дар хусуси даровардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон, «Дар бораи интихоботи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон» ҳуҷҷатҳои муҳими ҳаётианд, ки дар бобати боз ҳам амиқ гардондани ислоҳоти сиёсӣ ва ҷараёнҳои демократӣ дар мамлакатамон нақши калон мебозанд. Ва онҳо дар қатори дигар тадбирҳоямон бешак диққату эътибори аҳли ҷамъияти ҷаҳонро баробари халқамон ба худ бештар ҷалб сохтаанд.

Вакилони халқи Олий Маҷлис ҳамчунин лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи бунёдҳои ҷамъиятӣ»-ро низ мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, ки бешак дар бобати баланд бардоштани нақши ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар ҷамъият, суръатфизоии бунёди ҷамъияти шаҳрвандӣ нақши муҳим мебозанд. Чунки аз таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ маълум аст, ки роҳи аз ҳама босамару аз ҳама боваринокu мақбул дар бобати барпо кардани ҷамъияти озоди шаҳрвандӣ ин пурзӯр гардондани фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Ва баррасӣ кардани масъалаи мазкур бесабаб ҳам нест. Солҳои охир дар ҷумҳуриятамон мавқеву нақши ташкилотҳои ҷамъиятӣ хеле пурзӯр гардида, муносибати одамон ҳам ба онҳо ба куллӣ тағйир ёфтаасту шаҳрвандонамон онҳоро ҳамчун ташкилотҳое қабул мекунанд, ки манфиаташонро боэътимод ҳифз мекунанду намояндаашон дар бобатти идораи давлату ҷамъият мебошад. Дар айни замон саҳму ҳиссаи ташкилотҳои мазкур дар бобати ҳаллу фасли як қатор муаммоҳо баробари ташкилоту идораҳои давлатӣ пайваста зиёд мегардад.

Маълум аст, ки дар давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти шаҳрвандӣ итоаткорӣ ба қонунҳо меъёри асосӣ мебошад. Ва ҷараёни дилхоҳ бояд ба меъёрҳои муҳими қонунгузорӣ итоат намоянд. Бунёдҳои ҷамъиятӣ ҳам аз ин ҷараён мустасно нестанд. Ва агар фаъолияти онҳо пурзӯр карда, ба маҷрои зарурӣ равона гардад, дар он сурат боздеҳ калон мегардад. Пурзӯр гардондани фаъолияти бунёдҳои ҷамъиятӣ бошад, пеш аз ҳама ҳаллу фасли як қатор муаммоҳоеро тақозо дорад, ки алҳол ба пешравии корашон халал мерасонад. Минҷумла, аз нигоҳи молиявӣ мустаҳкам шудани фаъолияташонро тақозо дорад.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар қироати якум ба муҳокимаи вакилони халқ пешкаш карда мешавад. Баъди муҳокима, пешкаш намудани таклифу мулоҳизаҳо он бешак мукаммал мегардад. Алалхусус ба пурзӯр гардидани фаъолияти беш аз 300 ташкилоти ҷамоатӣ мусоидат мекунад, ки алҳол дар Ўзбекистон арзи ҳастӣ мекунанд. Ва лоиҳаи қонуни мазкур дар қатори дигар санадҳои қонунгузорӣ бешубҳа ба равнақи Ватан, фаровонии халқ омили муҳим хоҳад гардид. Дар айни замон ба пурзӯр гаштани фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятие мусоидат мекунад, ки рӯз то рӯз кори хешро пурзӯру ҷоннок мегардонанд.

Ва ба ҳукми умум пешкаш гардидани он боз як далели равшан аз он аст, ки дар ҷамъиятамон ҷараёнҳои демократӣ торафт амиқ мегарданд.

**Б.НОРАЛИЕВ,**
**номзади илми фалсафа.**



## Оғози кишт дар Хоразм

Ба воҳаи қадимаи Хоразм ҳам баҳор омад. Саҳрову боғу роғзор ба бар либоси тамоман нав гирифтанд. Ва он аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки ба бобои деҳқон фасли киштy кор омадаасту бояд киштро дар фурсати кӯтоҳ гузаронаду бо ҳамин ба ҳосили фаровони оянда таҳкурсии мустаҳкам гузорад.

Ва деҳқонони хоҷагии ширкатии «Гулистон»-и ноҳияи Янгиариқ, ки дар саргаҳи дашти Қорақум воқеъ аст, дар вилоят аз аввалинҳо шуда ба кишти пунбадона шурӯъ карданд. Кишти пунбадона дар саҳроҳои пудратчии хоҷагӣ Камолиддин Отаҷонов оғоз ёфт.

Зафармандони саҳрои хоҷагии ширкатии «Гулистон» имсол ба 710 гектар, аз он ҷумла ба 200 гектари он дар зери пардаи сунъӣ пунбадона коштаниaнд. Ва аз он ҳосили фаровон бардоштаниaнд. Натиҷаи ҳамин аст, ки дар ноҳияи Янгиариқ ба 6217 гектар коштани пахта, аз ҳар гектари он бардоштани 28,5 сентнерӣ ҳосилро ба нақша гирифтаанд.

Нақшаи тезу хушсифат коштани пунбадона таҳия гардида, ба ин кор 400 техника ҷалб гардидааст. Аз он 39 тоаш тухмипошакест, ки пунбадонаро дар зери пардаи сунъӣ мекорад.

Алҳол дар ҳамаи ноҳияҳои вилояти Хоразм бахшида ба оғози маъракаи кишт семинарҳои назариву амалӣ ба амал омада, нақшаи дар фурсати кӯтоҳ, хушсифат коштани пунбадона кашида мешавад.

Ба деҳқонони хоразмӣ, аз он ҷумла зафармандони хоҷагии ширкатии «Гулистон»-и ноҳияи Янгиариқ дар фаъолияташон бурдбориҳоро таманно карда, ҳосилатон фаровон шавад гӯён дархост баён менамоем.

***Дар сурат:*** *пудратчии хоҷагӣ* ***Камолиддин Отаҷонов*** *(аз чап дуюм) бо коркунон* ***Ортиқ Отаҷонов, Бунёд Машарипов, Эргаш Сапаев*** *ва* ***Умед Собиров****ҳо машварат дорад.*

**Матн ва сурати Рӯзмат ҶУМЪАНИЁЗОВ (ЎзА).**

Муносибат

## Холис бошем

Рафти воқеаҳои Ироқро мушоҳида карда, ба он рӯ ба рӯ мегардем, ки он дар баъзе воситаҳои ахбори оммавӣ нохолисона равшан карда мешаванд. Баъзан аз онҳо бӯи ғаразу ифода намудани манфиатҳои гурӯҳҳои мухталиф ба назар мерасад. Масалан, баъзеи ин расонаҳои ахбори оммавӣ ҷар меандозанд, ки ба муқобили ин ҷанг миллионҳо одамон ба по хестаанду алалхусус халқи Амрико норозигии худро баён месозад. Дуруст, норозигиҳо ба амал меоянд ва онро касе инкор намекунад. Чунки дар мамлакатҳои аз нигоҳи демократӣ мутараққӣ ба кӯча баромада, норозигии худро баён сохтан ба ҳукми анъана даромадааст. Вале ана ҳамин расонаҳои ахбори оммавӣ баробари баён кардани фикрҳои худ ба ин далелҳо ҳам диққату эътибор медоданд, бад намешуд. Дар ҳамапурсие, ки дар Амрико гузаронда шудааст, 76 фоизи пурсидашудагон амалиёти иттифоқчиёнро ҷонибдорӣ кардаанд. Дар айни замон дар норозигиҳое, ки аз саҳифаҳои ин расонаҳои ахбори оммавӣ гаштаву баргашта намоиш дода мешаванду рӯи чопро мебинанд, адади иштирокчиён барқасд зиёд карда нишон дода мешавад. Воситаҳои ахбори оммавии холис таъкид мекунанд, ки дар ин намоишҳо миқдори зиёди одамон иштирок накардаанд.

Ё худ баъзе воситаҳои ахбори оммавӣ амалиёти иттифоқчиёнро ҳамчун таҷовузкор ва истилогар баён мекунанд. Дар асл бошад, он барои вожгун сохтани режими Саддом Ҳусейн нигаронда шуданашро ҳамагон хуб медонанд. Охир, Саддом Ҳусейн ба сари халқи худ, аз он ҷумла курдҳо чӣ қадар кулфат овард, ба мамлакати ҳамҷавораш Эрон ҷанг эълон карда, хуни чӣ қадар бегуноҳонро рехт, магар он аз моҷароҷӯии ҳукумати ин мамлакат гувоҳӣ намедиҳад. Истифода бурдани силоҳи кимёвиро нисбати курдҳо, эрониҳо кӣ фаромӯш кардааст?

Ана ҳамин далелҳо аз он далолат медиҳанд, ки воситаҳои мазкури ахбори оммавӣ таҳти тазйиқи қувваҳои муайян фаъолият пеш бурда, дар қалбу шуури одамон ҳисси тарсу ваҳмро ҷойгир месозанд, рафтори ҳукумати Ироқро таҳти сарпарастии Саддом Ҳусейн сафед карда, бо ҳамин аҳли ҷамъияти ҷаҳонро гумроҳ сохтаниaнд. Яъне онҳо дар бобати ҳосил кардани тасаввуроти дигар аз хусуси ин мамлакату салтанаташ хизмати «хирсона» мекунанд. Ва он пеш аз ҳама ба оромиву осоиши аҳолӣ халал расонда, одамони соддаро аз роҳ мезанад, дар дилашон ғулғуларо ҷойгир сохта, охиру оқибат барои дар ҷамъият ба вуҷуд овардани вазъи беқарорӣ мусоидат мекунад.

Алқисса хабару маводҳои пахшкардаи радиову телевизион, маводҳои рӯзномаву маҷаллаҳоро муоина карда, ба як чиз боварӣ ҳосил мекунед. Усулияти асосии фаъолияти ВАО, яъне холисӣ дағалона вайрон карда мешаваду он боиси роҳгум задани баъзе одамони соддаву гапдаро мегардад.

Ўзбекистониён хуб медонанд, ки холисӣ ин талаби муҳим барои ҳамагон аст. Аз ин рӯ холис, ҳушёру зирак бошем. Чунки дар замири ин «ҷоғзании» воситаҳои ахбори оммавии мухталиф манфиати қувваҳои муайян хобидаасту онҳо ҳаргиз намехоҳанд, ки дар саросари ҷаҳон сулҳу салоҳ таъмин бошад. Мардуми мо одамони соддае нестанд, ки аз ин дувоздаҳ сол пеш буданд. Онҳо сиёҳу сафедро худашон мустақилона фарқ мекунанд ва аз ин рӯ танҳо ба овози онҳое гӯш медиҳанд, ки холис мебошанд.

**Т.МИРЗОЕВ,**
**нафақахӯр.**

Фушурдаи ахбори расмӣ

### Муҳокимаи масъалаи умда

Нақш ва аҳамияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар бобати васеъ ошно сохтани аҳли ҷамъияти мамолики хориҷӣ бо таърих, фарҳанг, арзишҳои маънавӣ, ҳаёти иҷтимоиву сиёсии мамлакатамон калон аст.

Кенгаши ҷамъиятҳои дӯстӣ ва равобити фарҳангиву маърифатии Ўзбекистон бо мамлакатҳои хориҷӣ яке аз чунин ташкилотҳо буда, фаъолияти худро дар самти мазкур доманадор мекунад.

Маҷлиси кенгаши мазкур бахшида ба масъалаҳои рушди равобити дӯстона ва фарҳангиву маърифатии Ўзбекистон бо мамолики хориҷӣ ба амал омада, таҳти сарпарастии ҷонишини Нахуствазир Ҳ.Кароматов гузашт. Дар он рафти корҳо оид ба рушди равобити фарҳангиву маърифатӣ бо беш аз 20 ҷамъиятҳои ҳамватанонамон дар хориҷӣ, ҳамчунин фаъолияти 36 ҷамъияти дӯстӣ бо мамолики мухталиф мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Мушовири давлатии Президенти Ўзбекистон З.Ҳусниддинов дар суханронии худ аз хусуси нақши Кенгаши ҷамъиятҳои дӯстии Ўзбекистон бо мамолики хориҷа дар бобати пурзӯр гардидани фаъолияти дипломатияи халқӣ аз хусуси ошно сохтани аҳли ҷамъияти ҷаҳон бо таърих ва имрӯзи Ўзбекистон ҳарф зада, оиди вазифаҳои умда истода гузашт.

Раиси Кенгаш Н.Иброҳимов аз хусуси фаъолияти ҷамъиятҳои дӯстӣ, аз он ҷумла, конфронси илмиву амалие, ки дар мамлакатҳои хориҷа гузаронда шуд, вохӯриҳо, намоишгоҳҳо, муовизаи ҳайати вакилон, викторина таҳти унвони «Дар бораи Ўзбекистон чиро медонед?» ва дигар тадбирҳо нақл намуд.

Аз рӯи натиҷаҳои маҷлис тадбирҳои мушаххас ва механизмҳо оид ба амалӣ гардондани фикру мулоҳизаҳои пешниҳодгардида андешида шуданд. Қарори дахлдор оид ба беҳдошти равобити фарҳангиву маърифатӣ бо мамолики хориҷӣ қабул гардид.

### Бо роҳи амиқгардонии ислоҳот

Дар Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии оби Ҷумҳурияти Ўзбекистон маҷлиси навбатии Комиссияи ҷумҳурӣ оиди амиқгардонии ислоҳот дар кишоварзии мамлакат ба амал омада, ҷонишини Нахуствазир, Вазири кишоварзӣ ва хоҷагии об Н.Юсуфов зикр намуд, ки сарвари давлатамон ба минбаъда амиқгардонии ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаи аграрӣ диққату эътибори махсус медиҳад. Дар ин самт интишор ёфтани Фармони Президент «Дар бораи самтҳои муҳимтарини амиқгардонии ислоҳот дар кишоварзӣ» иқдоми муҳим гардид.

Дар маҷлис масъалаҳои мубаддал сохтани корхонаҳои кишоварзӣ ба хоҷагиҳои фермерӣ дар асоси қарори махсуси Девони Вазирон ва рафти иҷрои қарори Девони Вазирон «Дар бораи такмил додани механизми бо маблағ фарогирии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзие, ки ба эҳтиёҷи давлат харид мегардад» аз 7 ноябри соли 2002 мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Дар он тавсияву фармоишҳои махсус оид ба сари вақт бартараф сохтани муаммоҳо, хатоҳои мавҷуда, суръати баланд бахшидан оид ба иҷрои тадбирҳо дар бобати фароҳам овардани инфрасохтори зарурӣ ба хоҷагиҳои фермерӣ, расондани кӯмак оиди ба имзо расондани шартномаҳо, таъмин кардани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ бо маблағи зарурии вом дода шуданд.

Дар маҷлис Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И.Ҷӯрабеков суханронӣ намуд.

### Стратегия ва хусусигардонии бонкҳо

Дар Тошканд бо иштироки Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Бонки Марказӣ, «Асакабанк», «Ўзуйжойжамғармабанк», «Ўзсаноатқурилишбанк» семинари байналхалқӣ бахшида ба масъалаи хусусигардонии бонкҳои мамлакатамон ба амал омад. Дар он ҳамчунин мутахассисони як қатор ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ иштирок намуданд. Зикр ёфт, ки саравваl хусусигардонии «Асакабанк» ва Бонки миллии фаъолияти берунии иқтисодии Ўзбекистон бо роҳи фурӯхтани саҳмияҳои он дар назар дошта шудааст. Баъд саҳмияҳои «Пахтабанк», «Ўзсаноатқурилишбанк» ва «Уйжойжамғармабанк» ба фурӯш бароварда мешаванд.

Иштирокдорони семинар бо таҷрибаи бои ҳосилшуда дар бобати хусусигардонии бонкҳо ошно гардида, дониш ва малакаи худро оид ба самтҳои мухталифи хусусигардонӣ, аз он ҷумла стратегия ва қавоиди фурӯши саҳмияҳо баланд бардоштанд.

### Таърих ва тарбияи ҷавонон

Маҷлиси навбатии семинари илмии ҷумҳурии «Таърихи халқи ўзбек ва давлатдории он» ба номи академик Яҳё Ғуломов ба амал омад, ки созмондиҳандаи он Пажӯҳишгоҳи таърихи ФУ Ўзбекистон буд. Тадбир, ки ба масъалаи услуби омӯзондани таърих ва ба вуҷуд овардани китобҳои дарсӣ ба низоми таълими бардавом бахшида шуда буд, дар ҳамкории вазоратҳои таълими халқ, маълумоти оливу миёнаи махсус гузашт. Дар он мубодилаи афкор оид ба масъалаи минбаъда такмилдиҳии услубии китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, мувофиқ гардондани онҳо бо тадқиқотҳо дар соҳаи мазкур ба амал омад.

### Ташкилоти нави ғайридавлатии деҳот

Дар ҳудуди ҷамоаи шаҳрвандони деҳоти «Қишлон»-и ноҳияи Шофрикони вилояти Бухоро ташкилоти нави ғайриҳукуматии ғайритиҷоратӣ—Маркази ҷонибдории аҳолии деҳот ба фаъолият шурӯъ намуд. Марказ рушди санъати халқии анъанавиро дар ноҳияи мазкур—йӯрмадӯзӣ ва матоъ мувофиқи услули ба худ хоси шофрикониён ҷонибдорӣ мекунад. Аллакай 60 нафар бо шуғли доимӣ фаро гирифта шуда, онҳоро устодони номдори соҳа бо сирру асрори ин санъат ошно мегардонанд.

**(Аз рӯи хабарҳои мухбирони «Овози тоҷик» ва воситаҳои ахбори оммавӣ таҳия гардидааст).**

## Навгониҳо

### «Тарона-2003»

Маросими ҳарсолаи супурдани мукофотҳо аз рӯи номинатсияи «Тарона-2003» 5 апрел дар Қасри «Дӯстии халқҳо»-и Тошканд ба амал меояд. Ба мухбирамон дар ширкати сабти овози «Тарона рекордс» хабар доданд, ки муассисони номинатсия баробари иттиҳодияи эстрадии «Ўзбекнаво», ширкати «Тарона рекордс» ҳам мебошад.

Ғолибонро аъзои ҳакамоте муайян мекунад, ки ба он намояндагони Иттиҳоди оҳангсозон, Иттиҳоди нависандагон, Вазорати фарҳанги Ўзбекистон, худи кумитаи тадорук шомил гардидаанд.

Ғолибон бо ҷоизаҳое тақдир карда мешаванд, ки қариб ду килограммӣ вазн доранду аз маъданҳои мухталифи қиматбаҳо тайёр гардидаанд.

**Ғ.БЕКНАЗАРОВ.**

### Ба деҳот газ омад

Дар рӯзҳои ҷашнгирии Наврӯз сокинони деҳоти «Қӯйибулоқ», ки аз ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах ҳашт километр дуртар воқеъ аст, аз гази табиӣ баҳра бардоштанд.

Дар айни замон дар деҳаи Эгизбулоқи иттиҳоди ширкатҳои «Боғдон»-и ноҳияи мазкур, ки 11,5 ҳазор нафар аҳолӣ истиқомат дорад, истгоҳи нави тақсимкунии газ ба истифода супурда шуд, ки дар бобати беҳтар кардани таъминоти газ нақши калоне мебозад.

### Бахши биржа

Дар шаҳри Навоӣ бахши вилоятии ҷумҳурии молу ашёи хом ба кор шурӯъ намуд. Он соҳиби асбобу ускуна ва техникаи замонавӣ буда, ба шабакаи Интернет васл гардидааст.

Дар ин ҷо намоишгоҳи молҳову ашёи хом, савдои музояда ба роҳ монда шуд. Ба тадбиргарони навоигӣ боз як қулай фароҳам омад.

**А.НАЗАРОВ.**

### Таҳсили иҷоракорон

Бо ташаббуси раёсати кишоварзӣ ва хоҷагии оби ноҳияи Риштони вилояти Фарғона ба деҳқононе, ки бо усули иҷора кор мекунанд, семинари илмиву амалӣ ташкил карда шуд. Ба шунавандагон аз хусуси мазмуну моҳияти ислоҳоте, ки дар кишоварзӣ гузаронда мешавад, навгониҳои соҳа, аз он ҷумла соҳаи бонку молия, андоз маълумотҳо пешкаш гардиданд. Машғулиятҳо ба тарзи саволу ҷавоб гузашта, аз баҳсу мунозираҳо саршор буданд.

**К.МУҲИДДИНОВ.**

